# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «28» 02 соли 2025 № 83/09 ш. Душанбе

*Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани диссертатсия*

Мутобиқи сархати 17 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270) ва банди 117 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бо хоҳиши Каримов Саъдӣ Мирзоевич, диссертатсияи номбурда дар мавзуи «Арзёбии таъсири чанги истеҳсоли семент ба муҳити табиии атрофи ш. Душанбе (дар мисоли ҶСК “Сементи тоҷик”)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.08 – Экология (тибқи соҳаҳо) (03.02.08.04 Экология (соҳаи илмҳои техникӣ)) аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, дар ин асос қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-041 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акдемик М.С.Осимӣ бекор карда шавад.

2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Каримов Саъдӣ Мирзоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.08 – Экология (тибқи соҳаҳо) (03.02.08.04 Экология (соҳаи илмҳои техникӣ) дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.

3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Гулзода А.Б.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Каримов С. М. аз 20 феврали соли 2025.

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ